# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Холмуродзода Фазлиддин Шомаҳмад дар мавзуи «Нақши шартномаҳои байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (ш. Душанбе, 2025).**

Автореферати диссертатсияи мазкур, ки аз 96 саҳифа (бо забони тоҷикӣ ва русӣ) иборат аст, ба омӯзиши ҳамаҷонибаи нақши шартномаҳои байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Мавзуи таҳқиқот ҳамчун масъалаи мубрами илми ҳуқуқшиносӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии байналмилалӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона дар онҳо иштирок менамояд, бахшида шудааст. Сохтори автореферат бо риояи талаботҳои Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493 тасдиқ шудааст, омода карда шуда, мазмуни асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

**Мубрамият ва аҳамияти илмии мавзӯъ.** Муаллиф дар муқаддимаи автореферат ба таври муфассал мубрамияти мавзуро асоснок намуда, қайд менамояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 2000 - шартномаи байналмилалии дутарафа ва 350 - шартномаи бисёртарафа бастааст, ки нақши ин шартномаҳои байналмилалӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи миллӣ ва байналмилалии хусусӣ (тибқи сархати 3 моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) афзоиш ёфта истодааст. Муаллиф се гурӯҳи назарияҳои илмиро дар бораи ҷойгоҳи шартномаҳои байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (аз ҷумла назарияҳои М.Х. Бабаев, И.С. Перетерский, В.А. Канашевский ва дигарон) таҳлил намуда, ҷонибдории худро аз ҳамҷоя кардани онҳо бо ҳуқуқи миллӣ иброз доштааст. Мавзуи интихобнамудаи довталаб бо барномаҳои илмии кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ҳамоҳанг буда, робитаи таҳқиқотро бо масъалаҳои мубрами илмҳои ҳуқуқшиносии кишварамон нишон медиҳад.

**Сохтор ва мазмуни автореферат.** Автореферат дар доираи меъёри сохторбандӣ шудааст. Дар қисми тавсифи умумии таҳқиқот мақсад (таҳлили ҳамаҷонибаи ҷойгоҳи шартномаҳои байналмилалӣ дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ), вазифаҳо (аз омӯзиши пайдоиш ва таносуби сарчашмаҳои ҳуқуқ то пешниҳоди тавсияҳо барои такмили қонунгузорӣ), объект (муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ), мавзӯъ (санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва

назарияҳои марбут), марҳилаҳо ва заминаҳои таҳқиқот муайян гардидаанд. Асоси назариявӣ бо истинод ба асарҳои олимони ватанӣ (Ш.М. Менглиев, Б.А. Сафарзода, Д.А. Сидиков ва ғ.) ва хориҷӣ (М.М. Богуславский, В.А. Канашевский, Л.П. Ануфриева ва ғ.) мукаммал аст. Методологияи таҳқиқот (усулҳои умумиилмӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, низомнокӣ ва таърихӣ) мувофиқи талаботҳои илмӣ интихоб шудааст. Заминаҳои эмпирикӣ (Конститутсия, кодексҳои маданӣ, оилавӣ, меҳнатӣ ва мурофиавӣ, қонунҳо ва шартномаҳои байналмилалӣ) асоси боэътимоди таҳлилро таъмин менамоянд.

Навгонии илмӣ ва нуқтаҳои ҳимояшаванда. Навгонии таҳқиқот дар омӯзиши ҳамаҷонибаи шартномаҳои байналмилалӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ва пешниҳоди таърифи муайян (ҳамчун шакли ифода ва мустаҳкамкунии қоидаҳои рафтор дар санадҳои меъёрӣ) зоҳир мегардад. Муаллиф се навъи татбиқи меъёрҳои шартномаҳои байналмилалӣ дар қонунгузории Тоҷикистонро (пурра ворид кардан, мутобиқсозӣ ва таҳияи санадҳои нав) пешниҳод намудааст, ки ин навоварӣ аст. Нуқтаҳои ҳимояшаванда (аз муайян кардани мафҳуми «санади ҳуқуқи байналмилалӣ» то таҳлили шартномаҳо дар соҳаҳои моликияти зеҳнӣ, оилавӣ, меҳнатӣ ва мурофиавӣ) илман асоснок ва бо мисолҳои мушаххас (Конвенсияи Венаи 1980, Конвенсияи Берн ва ғ.) таҳлил шудааст. Ин нуқтаҳо камбудиҳои таҳқиқоти қаблӣ (набудани омӯзиши ҳамаҷониба дар илми ҳуқуқшиносӣ)-ро бартараф менамоянд.

Дар автореферат таҳлили муқоисавии шартномаҳои универсалӣ (CISG, TRIPS) ва минтақавӣ (дар чаҳорчӯби Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Иттиҳоди Аврупо) бо қонунгузории Тоҷикистон, ки нақши онҳоро дар ягонасозӣ ва ҳамоҳангсозии ҳуқуқ нишон медиҳад, ҳамчунин рӯйхати нашрияҳо (15 мақола, аз ҷумла 5 дар маҷаллаҳои Комиссия олии аттеестатсионӣ назди Призиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва адабиёт (69 манбаъ, аз ҷумла монографияҳо ва захираҳои электронӣ) ҳаҷм ва сифати таҳқиқотро тасдиқ менамоянд ва аннотатсияҳо ба се забон (тоҷикӣ, русӣ, англисӣ), оварда шудааст, ки муҳтавои мазмуни пурраи таҳқиқотро инъикос менамояд.

Хуб мешуд, ки довталаб таҳлили муфассали таҷрибаҳои судии Тоҷикистон (масалан, ҳолатҳои мушаххаси татбиқи шартномаҳо)-ро дар автореферат мазкур ишора менамуд.

Бо вуҷуди ин, автореферати диссертатсияи Холмуродзода Фазлиддин Шомаҳмад дар мавзуи «Нақши шартномаҳои байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори илмию таҳқиқотии анҷомёфта ва дорои сохтори мукаммали мантиқӣ буда, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Кори илмӣ-таҳқиқотии мазкур аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дошта, метавонад дар фаъолияти қонунэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ ва дар ҷараёни таълимии фанни «Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ва ҳуқуқи сармоягузорӣ» ба таври васеъ истифода бурда шавад. Бо назардошти гуфтаҳои боло бояд қайд намуд, ки муаллифи таҳқиқоти илмӣ Холмуродзода Ф.Ш. сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Рустамзода Фируз Рустам
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи
тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии
Донишгоҳи давлатии Тиҷорати Тоҷикистон ________________
26 / 08 соли 2025.

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Деҳоти 1/2, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
Телефон: +992 933 50 81 51

Имзои Рустамзода Фируз Рустамро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДТТ Пирзода С.С.

Суроғаи муассиса: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. Деҳоти 1/2, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
**Телефон:** +992(37) 234-83-46 +992(37) 234-85-46
**Email:** mail@ddtt.tj; tguk2025@gmail.com
**www:** www.tguk.tj
26 08 соли 2025.